## ТАҚРИЗИ

**мушовири илмӣ ба кори диссертатсионии Муродова Нигина Сулаймоновна дар мавзӯи “Масъалаҳои модернизатсияи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: хусусиятҳои асосӣ, шаклҳои амалишавӣ ва натиҷаҳои он”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ пешниҳод гардидааст.**

Масъалаҳои модернизатсияи сиёсӣ, хусусиятҳо, шаклҳои зуҳур ва оқибатҳои он дар раванди ташаккул ва инкишофи ҷомеаи навин дар системаи донишҳои муосир мақоми хосаро касб менамояд. Давлатдории шаклан ва мазмунан навро дар замони истиқлолгароӣ ташаккул дода, Тоҷикистон ба доираи нави муносибатҳо бо мамлакатҳо ва минтақаҳои дигари олам дохил гардида, худро ба сифати актори мустақили муносибатҳои байналхалқӣ нишон дод. Дар сиёсати дохилӣ вазифаи муҳимтарини кишварро ҳалли моҷарои сиёсӣ ва баромадан аз ҳолати ҷанги шаҳрвандӣ ва муваффақ гардидан ба дастрасии сулҳ ва ризоияти байни табақаҳои иҷтимоии ҷомеа ва неруҳои сиёсӣ ташкил медоданд. Чунин масъалаҳои мураккабтарин ва муқовиматборро ҳал гардонида, Тоҷикистон ба ҳалли масъалаҳои дигари муҳими инкишоф рӯ овард. Пеш аз ҳама, ба амалӣ гардонидани ислоҳоти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ба ислоҳоти соҳаи сиёсии ҷомеа шурӯъ намуд. Ҳамин тарз ва сатҳи муносибатҳо рӯзмаррагии илмии мавзӯи тадқиқотии рисолаи Н.С. Муродоваро ҳамчун кори илмии соҳаи махсуси донишҳо муқаррар намуда, онро дар доираи илмҳои сиёсӣ асоснок намудааст.

Дар рисолаи диссертатсионӣ Н.С. Муродова масъалаҳои назария ва амалияи ташаккул ва инкишофи ҷомеаи муосир, хосиятҳои умумӣ ва махсуси давраи гузариши сиёсӣ, мақом ва ҷойгоҳи ниҳодҳои сиёсӣ дар раванди гузариш аз ҷомеаи анъанавӣ ба ҷомеаи муосир дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқот ва натиҷагирӣ қарор гирифтаанд.

Дарёфти роҳу воситаҳои ҳал ва танзими масъалаҳои тадқиқотии мазкур имконият медиҳанд, ки инкишофи мутаносиби Тоҷикистон таъмин гардад.

Махсусан, истифода аз принсипҳо ва тарзи хосаи муносибатҳо, ба монанди айнияти шаҳрвандӣ, ватандӯстию ватанпарварӣ, умумияти маънавию маданӣ, ҳифзи муътадилӣ ва суботи сиёсӣ, ризоияти байниэтникӣ ва байниконфессионалӣ дар ҷомеаи муосир аҳамияти бузургро касб менамоянд.

Зарурати интихоби масъалаи модернизатсияи сиёсӣ ба сифати мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ талабот ва дархостҳои таҳқиқи назария ва амалияи сиёсӣ, зарурати таҳқиқот ва таҳлили амиқ, дарки амиқ ва дарёфти ҳалли илмии масъалаҳои мураккаби инкишофи сиёсии Тоҷикистон ва махсусиятҳои он мебошанд. Таваҷҷуҳи махсус ба доираи муайяни масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ дар марҳилаи ҳозираи инкишофро омилҳои мухталиф муҳим мегардонанд. Дар байни онҳо таҳқиқи нақши объективӣ ва аҳамияти масъалаҳои таҳқиқшаванда дар раванди воқеии сиёсии Тоҷикистон арзиши хосаеро касб менамояд.

Дар кори диссертатсионӣ мақоми модернизатсияи сиёсӣ дар раванди ташаккул ва инкишофи ҷомеаи муосири демократӣ дар Тоҷикистон ҳамчун навъи махсуси равандҳои сиёсии муосир маънидод карда мешавад. Хусусияти хоси онро муваффақ гардидани субъектҳои сиёсии ҷомеа ба мақсадҳои худ тавассути истифодаи захираҳо ва омилҳои таъсиррасони ниҳодҳои давлатӣ, иттиҳодияҳои ғайриҳукуматӣ ва қоидаҳо ва меъёрҳои мавҷудаи рафтори одамон, бахусус рафтори сиёсии онҳо ташкил менамоянд. Муҳимтарин механизми давраи гузариши инкишофи Тоҷикистонро баҳамалоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасонии институтҳои ҷамъиятӣ ва умумиятҳою гурӯҳҳои иҷтимоӣ бо сатҳи хосаи шуур ва психологияи сиёсии онҳо ташкил менамояд.

Характер ва мазмуни мушаххаси давраи ҳозираи инкишофи Тоҷикистонро махсусиятҳои системаи сиёсӣ ва режими сиёсии мавҷуда ташкил менамоянд. Таҳлил ва хулосагирии давраи муосири инкишофи Тоҷикистон дар доираи сиёсати таҳким ва такмили тағйиротҳои сиёсӣ ҳам ба давраи аввали чунин муносибат – ризоият ба ҳолати муваффақ гардидан ба

ислоҳоти куллии сиёсӣ ва ҳам ба марҳилаи амалӣ гардонидани он пайвасти бевосита доранд. Таҳлил ва натиҷагирии давраи кунунии инкишофи мамлакат восита ва омили муҳимтарини равандҳои сиёсии созанда мансуб мегарданд. Чунин ҷиҳатро ҳолати дигар – натиҷаҳои мушаххаси сиёсати модернизатсионии ҳукумат, яъне ташаккул ва инкишофи ҳолати ризоият дар муносибат ба шаклҳо ва пешомади ғайримоҷарогароии мавҷудияти муносибатҳои байниҳамдигарии неруҳои гуногуни сиёсӣ, иттиҳодияҳои ғайриҳукуматии сиёсӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ тақвият мебахшанд. Зеро фаъолияти онҳо чунин ҳолати сифатан нави муносибатҳои сиёсии ҷомеаро ташаккул ва инкишоф медиҳанд. Дар фаҳми стратегии масъала ҳамаи унсурони давраи муосири инкишоф ҳамчун раванди таҳия ва давра ба давра дар ҳаёт татбиқ намудани ислоҳоти қатъии сиёсӣ дар Тоҷикистон мебошад.

Проблемаи таҳлил ва натиҷагирии давраи инкишофи модернизатсиониро омӯхта, бояд таъкид намуд, ки он дар шароити Тоҷикистон, пеш аз ҳама, вобаста ба сатҳи инкишофи иқтисодию иҷтимоиаш хусусиятҳо ва махсусиятҳои гуногунро касб менамояд. Воқеият он аст, ки масъалаи асосиро на проблемаҳои омӯзиши табиат, шаклҳо,ва оқибатҳои модернизатсияи сиёсӣ, балки дарёфти роҳу воситаҳои беҳтари ҳалли онҳо, муқаррар намудани принсипҳо, воситаҳо ва шаклҳои позитивии танзими равандҳои сиёсӣ ташкил менамоянд. Масъалаҳои назариявии равандҳои модернизатсионӣ, тарз ва воситаҳои онҳо, ки ба сифати заминаи методологии сиёсати амалӣ баромад менамоянд бояд ба воқеияти ҳаёти сиёсӣ мувофиқ бошанд. Омӯзиши амиқи равандҳои модернизатсионии давраи ҳозираи инкишофи Тоҷикистон, моҳият ва қонуниятҳои инкишофи онҳо, дарки ҷойгоҳ ва таъсири онҳо ба махсусияти инкишофи ҷомеа аҳамияти калонро соҳиб аст. Зиёда аз ин, аз назари илмҳои сиёсӣ то ҳоло масъалаҳои мухталифи модернизатсионӣ дар шароити ҷомеаи навин, бунёди ҷомеаи кушод, ки низоми пешрафтаи демократиро ба сифати мақсади асосӣ қарор додааст мавриди омӯзиш ва таҳлилу хулосагириҳои амиқ қарор нагирифтаанд. Маҳз ҳамин ҳолат

интихоби масъалаи мазкурро ба сифати мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян намудааст.

Масъалаҳои таҳқиқотӣ ба таври кофӣ дар сарсухан асоснок гардидаанд. Онҳо ба таври зарурӣ дар се боби рисолаи диссертатсионӣ тавсифи илмӣ пайдо намудаанд ва дар хулосаи рисола натиҷагирӣ гардидаанд.

Муаллиф тадқиқотро аз омӯзиши моҳият ва хусусиятҳои давраи гузаришии Тоҷикистон, равандҳои сиёсии пешбари он, омилҳое, ки ба онҳо таъсир мерасонанд, оғоз менамоянд. Дар кори таҳқиқотӣ ба таври мукаммал мафҳумҳое, ба монанди "равандҳои модернизатсионӣ", "институтҳои сиёсӣ", "тағйироти сиёсӣ", "масъалаҳои гузаришӣ","ҷомеаи анъанавӣ", "ҷомеаи муосир" мавриди таҳлил ва хулосагирӣ қарор гирифта, фаҳми гуногуни онҳо матраҳ гардидаанд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳқиқотҳои олимоне дода мешавад, ки ба масъалаи мазкур муносибати хосаро пеш гирифтаанд. Муҳаққиқон ба саволҳо дар бораи равандҳои муосири модернизатсионӣ ҷавоб ҷустанӣ шуда, кӯшиш менамоянд, ки мақоми онҳоро дар низоми инкишофи ҳаёти сиёсии муосир амиқ пайдо созанд. Баъди барқарор намудани сулҳ ва ризоияти миллӣ ҳаёти сиёсии Тоҷикистон бештар дар самти васеъшавии майдони муносибатҳои тоқатпазиронаи байниҳамдигарии неруҳои сиёсӣ, ки идеологияи мухталифи сиёсӣ ва андешаю таълимотҳоро пайравӣ менамуданд ва онҳоро ҳамчун қутбнамо истифода мебурданд, чунин ҳолат натиҷаи муқовиматҳои сиёсии замони аввали истиқлолгароӣ ба шумор мерафтанд, васеъ мегардид. Пайдоиши чунин фазои нави сиёсӣ имконият дод, ки одамоне, ки чанде пештар ба низоми бемуқовимати инкишофи ҷомеа боварӣ надоштанд, акнун дар мавриди ҳамгироии неруҳои мухталифи сиёсии Тоҷикистон дар мавриди масъалаҳои мухталифи инкишофи кишвар ибрози назар менамуданд. Нақшаҳо ва таҳлилу натиҷагириҳои мушаххасе иброз медоштанд. Одамоне, ки чанде пештар ҳастӣ ва инкишофи плюрализми сиёсӣ ва номумкинии он дар шароити кишварро тасдиқ менамуданд акнун ба инкишофи тамаддунии он нигоҳи тозае пайдо намуда, инкишофи бемоҷарои кишварро фақат хоси

мамлакатҳои пешрафта намедонистанд, балки таъкид менамуданд, ки вобаста ба мавқеи неруҳои сиёсӣ дар ҳар гуна ҷомеа, аз ҷумлаи ҷомеаи зиддиятнок ва муқовиматбор низ ҳамгироии неруҳои мухталиф имконпазир аст. Вобаста ба чунин авзои умумии инкишофи мамлакат масъалаҳои ҷомеаи модернизатсионӣ, махсусан, масъалаҳои баҳамтаъсиррасонии неруҳои гуногуни сиёсӣ, институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва ниҳодҳои ғайриҳукуматӣ дар раванди ташаккули ҷомеаи демократӣ аҳамияти муҳиму рӯзмарра пайдо менамоянд. Аз фаъолияти муътадил ва бахамтаъсиррасониҳои онҳо ҳалли масъалаҳои зиёди инкишофи мутаносиби равандҳои сиёсии ҷомеа вобастаанд.

Дар кори диссертатсионӣ асосҳои тадкикоти назариявию методологии масъалаҳои модернизатсияи сиёсӣ таҳлили амиқ пайдо намуда, консепсияҳои модернизатсияи сиёсӣ мавриди пажӯҳиш карор гирифтаанд. Равандҳои модернизатсионӣ, динамикаи инкишофи онҳо омӯхта шуда, хусусиятҳои модернизатсионии системаҳои мухталифи сиёсӣ мавриди таҳлили амик гардидаанд. Равандҳои модернизатсионӣ дар маънии ратсионалигардонии давраи гузаришӣ, ошкор намудани махсусиятҳои инкишофи ҷомеаи муосир, нишон додани омилҳои асосии самти модернизатсионӣ дар таҷрибаи давлатҳои муосир, таҳлили омилҳои асосии ҳодисаҳои бухронӣ дар шароити инкишофи модернизатсионӣ ба амал бароварда шуда, чорабиниҳо бахри бартараф намудани бухронҳо ва пешгирии моҷароҳо нишон дода шудаанд.

Муаллиф низоми ташаккул ва махсусиятҳои инкишофи модернизатсионии системаи сиёсии Тоҷикистонро матраҳ намуда, хусусиятҳои зуҳури он, марҳилаҳо ва вазифаҳои мақсади модерникунониро нишон додааст. Аҳамияти тағйиротҳои сиёсӣ ва таъсири онҳо ба дарёфти асосҳои модернизатсияи ҷомеаи Тоҷикистон ҳамчун ҷомеаи иҷтимоӣ тавсиф гардида, шакли иштироки акторҳои ҷомеаи маданӣ дар равандҳои модернизатсионӣ, фаъолияти хосаи онҳо муқаррар гардидаанд. Таҷрибаи иҷтимоию сиёсии мамлакатҳои дигар, шароити мушаххаси таърихӣ, шароити сиёсӣ ва масъалаҳои инкишофи равандҳои модернизатсиониро ба эътибор гирифта,

диссертант маком ва нақши институтҳои сиёсиро ҳамчун унсури асосии ҷомеаи муосир  тавсиф намуда, бо мақсади муайян намудани имкониятҳои инкишофи равандҳои модернизатсиониро дар шароити Тоҷикистони муосир пешбинӣ намудааст.

Гузариши сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон аз низоми анъанавӣ ба низоми демократӣ ба таври гуногун ба амал меояд. Мақсади асосии чунин равандҳо танзими тамоми муносибатҳои ҳаёти кишвар ҳамчун мамлакати дорои тамоми хосиятҳои суверенитетӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки муаллиф мақсадҳои моденизатсионии Тоҷикистонро дуруст муайян намуда, роҳҳои расидан ба онро нишон додааст. Ӯ таъкид мекунад, ки "ташаккули ҷомеаи муосир омили муҳими рушди давлатдории демократӣ, ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи воқеан озод, таҳаммулпазир ва таҳкими ҷомеаи маданӣ мебошад. Тоҷикистони соҳибистиқлол низ дар раванди инкишофи демократӣ қарор дорад. Дар чунин ҳолат зарурати муайян намудани унсурҳои муҳими ҳамбастагӣ, таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва соҳибихтиёрии миллӣ дар раванди модернизатсияи сиёсӣ ба амал меояд" (с.4).

Роҳи ягонаю санҷидашуда таҳкими ҳокимият ва такмили гузариши сиёсӣ инкишофи равандҳои демократӣ боқӣ мемонанд. Дар он риояи қатъии ҳуқуқҳои ӣнсон дар мавриди ташкили иттиҳодияҳо ва ассотсиатсияҳо мақоми махсус пайдо менамояд. Мавҷудияти сабабҳо ва омилҳои объективии инкори методҳои ғайридемократии ҳукмронӣ, ба ҳамкорӣ ва ҳамгироии неруҳои гуногуни сиёсӣ асос ёфтааст на танҳо муваффақияти равандҳои демократӣ аст, балки омили муҳими инкишофи мутаносиби ҷомеаи муосир мебошад.

Дар рисолаи диссертатсионӣ муносибати хосае ба масъалаҳои давраи муосири инкишофи Тоҷикистон пеша гардидааст, ки имконият медиҳад ҳолатҳои таҳқиқшуда аниқ гардад ва воқеияти наверо дар нисбати ҳаёти сиёсии муосир пайдо ва ошкор созад, хусусиятҳои асосии таҳкими тағйиротҳои сиёсиро дар шароити Тоҷикистон муайян созад.

Дар рисолаи диссертатсионӣ аз мавқеи илмҳои сиёсӣ ҷараёни инкишофи равандҳои сиёсӣ ва махсусияти онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Аз ин хотир, методологияи тадқиқу таҳлили онҳо, моҳияти иҷтимоии онҳо, махсусияти зоҳиршавӣ ва омилҳои асосии таъсиррасонии онҳо мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд.

Муаллифи рисола аҳамияти сиёсию илмии мавзӯи интихобгардида, зарурати аз ҷиҳати назариявию методологӣ ва сиёсию амалӣ таҳқиқи онро нишон додааст. Махсусан, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти барҷаста пайдо менамоянд.

Баҳсу мубоҳисаҳои илмӣ дар мавриди масъалаҳои модернизатсияи сиёсӣ ва хусусиятҳои асосии онҳо, ҷустуҷӯ ва дарёфти масъалаҳои мустақили таҳқиқоти хеш, таҳлили мафҳумҳои зиёду мухталиф, истилоҳот ва қонуниятҳо, муайян намудани дастгоҳи мафҳумӣ, ки бевосита ба масъалаҳои инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мегарданд, хусусиятҳои асосии рисолаи диссертатсиониро ташкил медиҳанд. Муаллиф теъдоди зиёди таълифот ва корҳои нашриро гардиши илмӣ додааст, ки масъалаҳои гуногуни инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан, ҳамгироии низоми сиёсӣ ва равандҳои модернизатсиониро ба доираи баҳси илмӣ дохил намудааст.

Муаллифи рисола дархостҳои худро мураттаб сохта, пешниҳодоти амалӣ ва пешбиниҳои илмиро дар мавриди масъалаҳои таҳқиқшаванда мушаххасан иброз намудааст. Ҳамаи ин шаҳодати он аст, ки муаллиф сатҳи баланди касбиятро пайдо намудааст ва қобилияти зарурӣ ба таҳқиқоти илмиро шарафёр гаштааст.

Рисола ба таври мантиқӣ баён гардида, маводҳои таҳқиқотҳои илмӣ ба таври амиқ таҳлил гардида, натиҷаҳо хулосагирӣ шудаанд, хулосаҳои асосию муҳим пешниҳод гардидаанд, ки аҳамияти амалиро касб намудаанд.

Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзӯи таҳқиқоти илмӣ нашр гардидаанд мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Муаллифи рисола дониши амиқ ва маҳорати баланди истифодаи методҳои муосири таҳлилро нишон дода, қобилияти хосае барои гузаронидани таҳқиқоти илмиро нишон додааст. Рисола кори илмию таснифотӣ ва мустақилонаю оригиналӣ буда, дар он дар асоси таҳқиқоти муаллиф ҳолатҳои назариявӣ ва амалӣ таҳия гардидаанд. Навъи хоси ҳалли илмии масъалаҳо пешниҳод мегарданд, ки онҳоро метавон ба сифати муваффақияти илмӣ, ки аҳамияти муҳими сиёсӣ ва иҷтимоӣ доранд, баҳогузорӣ намуд.

Муродова Н.С. рисолае бо усули хос, методологияи қавӣ ва муносибати объективонае ба раванду ҳодисаҳои Тоҷикистони муосир таҳия намудааст. Истифодаи натиҷаҳои таҳқикот барои рушди кишвар ва ҳалли масъалаҳои инкишофи сиёсӣ аҳамияти муҳим дошта, дар дарки масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва дарёфти ҳалли онҳо аҳамияти зарурӣро касб намудааст.

Рисолаи диссертатсионӣ сатҳи баланди рӯзмаррагӣ ва навгониҳоро дошта, ба талаботҳо оид ба диссертатсияҳо дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии доктори илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори шарафёр гаштан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мебошад.

Мушовири илмӣ, доктори илмҳои
сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Зокиров Г.Н.

734025, ҶТ, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
gulmahmad.zokirov@mail.ru тел. 918 70 89 57

Имзои Г.Н. Зокировро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва қисми махсуси ДМТ Э. Тавқиев